***"Маориф ва маданият",***
***N 116 (3034), панҷшанбе***
***26 сентябри соли 1968, саҳ. 4***

**МАҲФИЛИ НАЗМ**

*(ба муносибати Рӯзи назм дар Донишгоҳ)*

Мардуми моро табиатан шоир гуфтаанд. Ин ҷо муболиғае нест...

Тақрибан ҳамаи студентони факултети филологии Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин шеърпарастанд, шеърро нағз мебинанд, шеъри бисёре медонанд ва бештаринашон шеърро машқ ҳам мекунанд.

Дар айни замон маҳфили эҷодии «Адибони ҷавон»-и университет зиёда аз сад нафар ҳаваскорон ва толибони каломи нафисро муттаҳид намудааст. Домани пурфайзи маҳфили номбаршударо танҳо ҳамин чиз ҳам нишон дода метавонад, ки барои ба диққати дӯстону маҷлисҳои устодон вогузоштан ва дар маҳфил муҳокима намудани асарҳои адибони ҷавон навбат пурра намерасад.

Факултети мо «гаҳвораи адабиёти бадеӣ» низ мебошад. Фазлиддин Муҳаммадиев, Мутеулло Наҷмиддинов, Юсуфҷон Акобиров, Муҳиддин Хоҷазода, ки ҳоло онҳоро на танҳо тоҷикон, балки хонандагони Умумииттифоқ ҳам мешиносанд, аввалин ҳикояву очеркҳои худро нахустин бор дар ҳамин ҷо ба дустони наздики худ нишон додаанд, ба муҳокимаи «Адибони ҷавон» ҳавола намудаанд, пичингҳои ҳамсинфон, суханони талху ширини устодони сахтгирро шунидаанд...

Ҷумъа Одина, Шамси Собир, Нусур Холмуҳаммадов ва дигарон дар атрофи ҳамин маҳфил бо асрори тарҷимаи бадеӣ шинос

шудаанд, аз кайфияти он пай бурдаанд ва дар ин ҷода қадам ниҳода, ҳам худрову ҳам дигаронро бархурдор кардаанд.

Факултети филологии УДТ ифтихор дорад, ки собиқ дастпарвари он Муъмин Қаноат дили дустдорони каломи мавзуни тоҷикро аллакай тасхир кардааст, ташналабони шеъри олиро шодоб намудааст. Устодони Муъминшоҳ сар ба осмон доранд, ки шогирди қобилу бовафои дирӯзаи онон дар Тоҷикистон аввалин шуда Ҷоизаи адабии комсомолро сазовор гардидааст.

Ҳоло маҳфили «Адибони ҷавон» аз доираи Мавлониддин Пулодов, Саттор Турсун, Сафрохон Солеҳова, Маҳбуба Неъматова, Сайдулло Амин, Раҳим Амин, Мусо Мавлавӣ, Муҳиддин Музаффаров, Нурмуҳаммад Ниёзӣ, Раҳмат Назриев ва як қатор дигар ҳаваскорони назму наср иборат аст. Ин ҷавонон алҳол бо омузиши чигунагии сухан ва тариқи суханвари машғуланд.

Маҳфили «Адибони ҷавон»-ро як навъ бӯстони адаб гуфтан ҷоиз аст, ки навниҳолони он дар партави донишу заковат ва лутфу меҳрубониҳои чунин устодони ғамхору серталаб ба мисли профессор Шарифҷон Ҳусейнзода, аъзо-корреспонденти АФ РСС Тоҷикистон Соҳиб Табаров, профессор Додоҷон Тоҷиев, доктори илмҳои филологӣ Воҳид Асрорӣ, дотсент Ҳилол Каримов ва дигарон парвариш меёбанд, ба камол мерасанд ва фардо бори фаровону лазиз хоҳанд овард...

*Раҳим* МУСУЛМОНҚУЛОВ,
*муаллими* УДТ,
*номзади илмҳои филология*

**Раҳмат НАЗРИЕВ**

## РУБОӢ

*Замоне аз Ватан, аз зодгоҳи пурсафои хеш*
*Шавад гар дур, аз нав боз мегардад ба он одам.*
*Вале чун дур гардад аз бари гаҳвораи тифлӣ,*
*Дигар ӯ барнамегардад ба он ҳаргиз дар олам.*

**Ширин БУНЁД**

## ҚАСАМ

*Он даст шикастаю зи тан дур бувад.*
*Гар ҳалқа шавад ба гардани ёри дигар.*
*Он дида пурашку кӯру бенур бувад,*
*Гар ҷуз ту ба рӯи дигаре кард назар.*

**Мусо МАВЛАВӢ**

## ҶАДАЛ ДОРАМ, КИ РОҲИ ХЕШ ЁБАМ

*Чу барқ аз синаи худ шӯъла резам,*
*Дарида пардаи кобусҳоро.*
*Ҷадал дорам, ки роҳи хеш ёбам,*
*Намонам дар миёни роҳ танҳо.*
*«Шарики созу сӯзи орзуям»*
*Бар ин уммед дафтар мекушоям.*
*Навозиш мекунам шаб орзуро,*
*Ғубори хотирамро мезудоям.*

# МАҲФИЛИ НАЗМ

**(БА МУНОСИБАТИ РУЗИ НАЗМ ДАР УНИВЕРСИТЕТ)**

Мардуми моро табиатан шоир гуфтаанд. Ин чо муболиғае нест...

Тақрибан ҳамаи студентони факультети филологии Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин шеърпарастанд, шеърро нағз мебинанд, шеъри бисьёре медонанд ва бештаринашон шеърро машқ ҳам мекунанд.

Дар айни замон маҳфили эҷодии «Адибони ҷавон»-и университет зиёда аз сад нафар ҳаваскорон ва толибони каломи нафисро муттаҳид намудааст. Домани пурфайзи маҳфили номбаршудаpo танҳо ҳамин чиз ҳам нишон дода метавонад, ки барои ба диққати дӯстону устодон вогузоштан ва дар маҷлисҳои маҳфил муҳокима намудани асарҳои адибони ҷавон навбат пурра намерасад.

Факультети мо «гаҳвораи адабиёти бадеӣ» низ мебошад. Фазлиддин Муҳаммадиев, Мутеулло Наҷмиддинов, Юсуфҷон Акобиров, Муҳиддин Хоҷазода, ки ҳоло онҳоро на танҳо тоҷикон, балки хонандагони Умумиттифоқ ҳам мешиносанд, аввалин ҳикояву очеркҳои худро накустин бор дар ҳамин ҷо ба дӯстони наздики худ нишон додаанд, ба муҳокимаи «Адибони ҷавон» ҳавола намудаанд, пичингҳои ҳамсинфон, суханони талху ширини устодони сахтгирро шунидаанд...

Ҷумъа Одина, Шамсӣ Собир, Нусур Холмуҳаммадов ва дигарон дар атрофи ҳамин маҳфил бо асрори тарҷимаи бадеӣ шинос шудаанд, аз кайфияти он пай бурдаанд ва дар ин ҷода қадам ниҳода, ҳам худрову ҳам дигаронро бархурдор кардаанд.

Факультети филологии УДТ ифтихор дорад, ки собиқ дастпарвари он — Мӯъмин Қаноат дили дӯстдорони каломи мавзуни тоҷикро аллакай тасхир кардааст, ташналабони шеъри олиро шодоб намудааст. Устодони Мӯъминшоҳ сар ба осмон доранд, ки шогирди қобилу бовафои дирӯзаи онон дар Тоҷикистон аввалин шуда Ҷоизаи адабии комсомолро сазовор гардидааст.

Ҳоло маҳфили «Адибони ҷавон» аз доираи Мавлониддин Пӯлодов, Саттор Турсун, Сафрохон Солеҳова, Маҳбуба Неъматова, Сайдулло Амин, Раҳим Амин, Мӯсо Мавлавӣ, Муҳиддин Музаффаров, Нурмуҳаммад Ниёзӣ, Раҳмат Назриев ва як қатор дигар ҳаваскорони назму наср иборат аст. Ин ҷавонон алҳол бо омӯзиши чигунагии сухан ва тариқи суханварӣ машғуланд.

Маҳфили «Адибони ҷавон»-ро як навъ бӯстони адаб гуфтан ҷоиз аст, ки навниҳолони он дар партави донишу заковат ва лутфу меҳрубониҳои чунин устодони ғамхору серталаб — ба мисли профессор Шарифҷон Ҳусейнзода, аъзо-корреспонденти АФ РСС Тоҷикистон Соҳиб Табаров, профессор Дадоҷон Тоҷиев, доктори илмҳои филологӣ Воҳид Асрорӣ, доцент Ҳилол Каримов ва дигарон парвариш меёбанд, ба камол мерасанд ва фардо бори фаровону лазиз хоҳанд овард...

**Раҳим МУСУЛМОНҚУЛОВ,**
**муаллими УДТ,**
**номзади илмҳои филология.**

*Раҳмат НАЗРИЕВ*

# РУБОӢ

**Замоне аз Ватан, аз зодгоҳи**
**пурсафои хеш**
**Шавад гар дур, аз нав боз**
**мегардад ба он одам.**
**Вале чун дур гардад аз бари**
**гаҳвораи тифлӣ,**
**Дигар ӯ барнамегардад ба он**
**ҳаргиз дар одам.**

*Ширин БУНЬЁД*

# ҚАСАМ

**Он даст шикастаю зи тан дур**
**бувад,**
**Гар ҳалқа шавад ба гардани ёри**
**дигар.**
**Он дида пурашку кӯру бенур**
**бувад,**
**Гар ҷуз ту ба рӯи дигаре кард**
**назар.**

*Мӯсо МАВЛАВӢ*

**ҶАДАЛ ДОРАМ, КИ РОҲИ ХЕШ ЁБАМ**

**Чу барқ аз синаи худ шӯъла резам,**
**Дарида пардаи кобӯсҳоро.**
**Ҷадал дорам, ки роҳи хеш ёбам,**
**Намонам дар миёни роҳ танҳо.**
**«Шарики созу сӯзи орзуям»**
**Бар ин уммед дафтар мекушоям.**
**Навозиш мекунам шаб орзуро,**
**Ғубори хотирамро мезӯдоям.**

„Маориф ва маданият"
№116 (3034), панҷшанбе 26 сентябри соли 1968, саҳ.